ТАҚРИЗ

ба диссертатсияи Раҷабзода Дилшод Амиралӣ дар мавзуи «Хусусиятҳои педагогии мутобиқшавии донишҷӯён ба муҳити таълимӣ-тарбиявӣ ҳамчун асоси иҷтимоишавии шахсият дар шароити муосир» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.9. Назария ва методикаи ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (педагогикаи иҷтимоӣ). - шаҳри Душанбе, 2026 с. 180 с.

Мубрамияти мавзуи таҳқиқот.

Мубрамияти мавзуи таҳқиқот бо он асоснок мегардад, ки дар шароити муосири рушди ҷомеаи тоҷик ва татбиқи барномаҳои давлатии рушди маориф масъалаи мутобиқшавии донишҷӯён ба муҳити таълимӣ-тарбиявӣ ҳамчун асоси иҷтимоишавии шахсият аҳамияти беназире пайдо кардааст. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф асосҳои умумии ташаккули шахсияти донишҷӯро муайян намудааст, вале як қатор масъалаҳои вобаста ба хусусиятҳои педагогии мутобиқшавии онҳо ба муҳити таълимӣ-тарбиявӣ, механизмҳои иҷтимоишавии шахсият ва натиҷаҳои педагогии ин раванд то ҳол хусусияти баҳсталаб доранд. Дар чунин шароит таҳқиқи комплексии масъалаҳои мазкур аз нуқтаи назари илмӣ муҳим ва саривақтӣ ба ҳисоб меравад.

Муҳтавои диссертатсия ва самти таҳқиқот нишон медиҳанд, ки муаллиф Раҷабзода Д.А. масъалаҳои марбут ба мутобиқшавии донишҷӯён ба муҳити таълимӣ-тарбиявиро ҳамчун асоси иҷтимоишавии шахсият ба таври пайгирона ва илмӣ мавриди таҳлил қарор додааст. Давраи таҳсил дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ марҳилаест, ки дар он заминаи асосии иҷтимоишавии шахсият - малакаҳои муошират, мутобиқшавӣ ба муҳити нав, қабули меъёрҳои ахлоқию иҷтимоӣ ва ташаккули фарҳанги касбӣ ташаккул меёбад. Аз ин рӯ, муайян намудани хусусиятҳои педагогии мутобиқшавии донишҷӯён ҳам барои назарияи педагогикаи иҷтимоӣ ва ҳам барои амалияи муассисаҳои таҳсилоти олии

касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти калон дорад. Таҳқиқоти мазкур маҳз ба ҳалли ин масъала нигаронида шудааст ва аз ин нуқтаи назар мубрам ва саривақтӣ ба шумор меравад.

Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ

Мавзуъ, муҳтаво ва натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ба талаботи шиносномаи ихтисоси 5.3.9. Назария ва методикаи ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (педагогикаи иҷтимоӣ), ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардидааст, мутобиқат менамоянд.

Дар доираи таҳқиқот масъалаҳои марбут ба хусусиятҳои педагогии мутобиқшавии донишҷӯён ба муҳити таълимӣ-тарбиявӣ, аз ҷумла моҳияти мафҳуми «мутобиқшавии иҷтимоӣ-педагогӣ», шароитҳои педагогии таъмини мутобиқшавии муваффақ, механизмҳои иҷтимоишавии шахсият дар муҳити муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, инчунин натиҷаҳои педагогии ин раванд мавриди омӯзиши илмӣ қарор гирифтаанд. Самти таҳқиқот ба доираи масъалаҳое дохил мешавад, ки дар шиносномаи ихтисоси мазкур пешбинӣ шудаанд.

Натиҷаҳои бадастомада метавонанд барои такмили мазмун ва методикаи кори тарбиявии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, рушди барномаҳои дастгирии мутобиқшавии донишҷӯён ва такмили низоми иҷтимоишавии шахсият дар муҳити таълимӣ-тарбиявӣ истифода гарданд.

Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта

Диссертатсияи Раҷабзода Дилшод Амиралӣ ба таҳлили масъалаҳои назариявӣ ва амалии вобаста ба хусусиятҳои педагогии мутобиқшавии донишҷӯён ба муҳити таълимӣ-тарбиявӣ ҳамчун асоси иҷтимоишавии шахсият дар шароити муосир бахшида шудааст. Муаллиф масъалаҳои марбут ба мафҳум ва моҳияти мутобиқшавии педагогӣ, шароитҳои

педагогии таъмини он, нақши муассисаи таҳсилоти олӣ дар раванди иҷтимоишавии шахсият, инчунин натиҷаҳои таҷрибавию озмоишии таҳқиқотро ба таври пайгирона мавриди таҳлил қарор додааст.

Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳои илмии диссертатсия бо истифодаи маҷмӯи усулҳои умумии илмӣ ва махсуси педагогӣ таъмин гардидааст. Дар таҳқиқот усулҳои таҳлили назариявӣ, мушоҳида, суҳбат, озмоиши педагогӣ, усули омории коркарди маълумот, инчунин усулҳои муқоисавӣ ва системавӣ истифода шудаанд, ки ба муаллиф имконият додаанд масъалаҳои вобаста ба мутобиқшавии донишҷӯёнро аз нуқтаи назари назариявӣ ва амалии педагогикаи иҷтимоӣ таҳлил намояд.

Муаллиф меъёрҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи маориф ва барномаҳои давлатии рушди таҳсилоти олии касбиро мавриди омӯзиш қарор дода, онҳоро бо таҷриба ва мавқеъҳои педагогии давлатҳои дигар муқоиса кардааст. Инчунин, дар таҳқиқот робитаи хусусиятҳои педагогии мутобиқшавӣ бо дигар омилҳои муҳими иҷтимоишавии шахсият муайян гардидааст.

Дар маҷмуъ, истифодаи пайдарҳами усулҳои таҳқиқотӣ, такя ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва педагогӣ ва таҳлили мантиқии масъалаҳои баррасишаванда ба хулосаҳо ва тавсияҳои илмии муаллиф асоснокӣ ва эътимоднокии зарурӣ бахшидааст.

Навгонии илмии диссертатсия

Навгонии илмии диссертатсия дар муносибати комплексии муаллиф нисбат ба масъалаҳои педагогии мутобиқшавии донишҷӯён ба муҳити таълимӣ-тарбиявӣ ҳамчун асоси иҷтимоишавии шахсият ифода меёбад. Дар таҳқиқот мутобиқшавии донишҷӯён на танҳо ҳамчун раванди психологӣ, балки ҳамчун категорияи мустақили педагогӣ мавриди таҳлил қарор гирифтааст, ки ба мазмун ва самаранокии раванди тарбияи иҷтимоӣ дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ таъсири мустақим мерасонад.

Муаллиф масъалаҳои вобаста ба хусусиятҳои педагогии мутобиқшавиро дар ҳамаи зинаҳои иҷтимоишавии шахсият таҳлил намуда, аҳаммияти таъмини шароитҳои педагогии мақсадноки ин раванд барои ташаккули шахсияти комили донишҷӯро асоснок кардааст.

Ҳамчунин, дар диссертатсия амсилаи сохторӣ-муҳтавоии мутобиқшавии педагогии донишҷӯён таҳия шуда, робитаи шароитҳои педагогӣ бо натиҷаҳои миқдорӣ ва сифатии иҷтимоишавии шахсият нишон дода шудааст ва баъзе пешниҳодҳо ҷиҳати такмили кори тарбиявии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон иброз гардидааст.

Нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод шудаанд

Муаллиф барои ҳимоя як қатор нуктаҳои муҳими илмиро пешниҳод намудааст. Аз ҷумла, асоснок карда мешавад, ки мутобиқшавии педагогӣ ҳамчун раванди мақсадноки иҷтимоишавии шахсияти донишҷӯ нишондиҳандаи асосии самаранокии муҳити таълимӣ-тарбиявии муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ба ҳисоб меравад.

Ҳамчунин, таъкид мегардад, ки ташаккули мақсадноки хусусиятҳои педагогии мутобиқшавии донишҷӯён тавассути таъмини шароитҳои педагогӣ-иҷтимоӣ амалӣ мегардад ва ба тағйироти миқдорию сифатӣ дар раванди иҷтимоишавии шахсияти онҳо мусоидат менамояд.

Инчунин, дар диссертатсия рушди салоҳияти профессорон ва устодон ҳамчун шарти асосии таъмини мутобиқшавии муваффақи донишҷӯён асоснок карда шуда, барномаи дастгирии педагогии донишҷӯёни соли аввал таҳия ва озмоиш карда шудааст.

Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ

Аз рӯйи мавзуи диссертатсия муаллиф як қатор мақолаҳои илмӣ ба табъ расонидааст, ки дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти

Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд. Мақолаҳои илмии муаллиф натиҷаҳо ва муҳтавои асосии таҳқиқоти диссертатсионирo инъикос менамоянд. Автореферат фишурдаи диссертатсия буда, мазмун, моҳият, ҳадаф, вазифаҳо ва натиҷаҳои асосии таҳқиқотро ба таври мухтасар ва мантиқӣ инъикос менамояд.

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия

Таркиби рисола мутобиқ ба мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот муайян гардида, аз муқаддима, 3 боб, зербобҳо ва хулоса, инчунин рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад. Дар муқаддима мубрамияти мавзуъ, дараҷаи омӯзиши масъала, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, объект ва предмети таҳқиқот, асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқот, навгонии илмӣ ва аҳаммияти назариявию амалии диссертатсия муайян гардидаанд.

Мӯҳтавои диссертатсия

Боби якуми диссертатсия - «Асосҳои назариявии мутобиқшавии донишҷӯёни курси якум ба раванди таълимӣ-тарбиявӣ дар зинаи таҳсилоти олии педагогӣ» номгузорӣ гардида, аз се зербоб иборат мебошад. Дар ин боб муаллиф масъалаҳои назариявии вобаста ба мафҳум, моҳият ва хусусиятҳои мутобиқшавии иҷтимоии донишҷӯёнро таҳлил намудааст.

Дар зербоби якум - «Хусусиятҳои хоси таҳсилоти олии педагогӣ дар шароити муосир» хусусиятҳои муосири низоми таҳсилоти олии педагогӣ, тағйиротҳои сохторӣ ва мазмунии он, инчунин талаботҳои нав нисбат ба тайёрии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии педагогии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити муосир мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Дар зербоби дуюм - «Мафҳумҳои «мутобиқшавӣ» ва «мутобиқшавии иҷтимоӣ» дар консепсияҳои иҷтимоӣ-педагогӣ ва мутобиқшавӣ ҳамчун раванди иҷтимоӣ-педагогӣ ва омилҳои ташаккули

он» мафҳум ва моҳияти мутобиқшавии иҷтимоӣ-педагогӣ, дидгоҳҳои олимони ватанӣ ва хориҷӣ доир ба ин мафҳум, инчунин омилҳои асосии ташаккули мутобиқшавии донишҷӯён дар муҳити таъсилоти олӣ таҳлил гардидаанд.

Дар зербоби сеюм - «Хусусиятҳо ва шароити мутобиқшавии иҷтимоии донишҷӯёни курси якум дар муҳити муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ» хусусиятҳои хоси мутобиқшавии донишҷӯёни курси якум, монеаҳои иҷтимоӣ-психологии ин раванд ва шароитҳои педагогии зарурии таъмини мутобиқшавии муваффақ мавриди таҳлил қарор гирифтаанд.

Боби дуюми диссертатсия - «Хусусиятҳои педагогии мутобиқшавии донишҷӯёни курси якуми муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ ба муҳити таълимӣ-тарбиявӣ ҳамчун асоси иҷтимоишавии шахсият дар шароити муосир» ном дошта, аз се зербоб иборат мебошад.

Дар зербоби якум - «Мушкилоти фаъолияти таълимӣ-тарбиявӣ ва хусусиятҳои дастгирии иҷтимоӣ-психологии мутобиқшавии донишҷӯёни курси якум» мушкилоти асосии фаъолияти таълимӣ-тарбиявие, ки донишҷӯёни курси якум дар марҳилаи аввали таҳсил бо онҳо рӯбарӯ мешаванд, инчунин усулҳо ва шаклҳои дастгирии иҷтимоӣ-психологии онҳо аз ҷониби устодон ва хизматчиёни иҷтимоии муассиса мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Дар зербоби дуюм - «Модели методии таълими фанҳои педагогӣ оид ба мутобиқшавии донишҷӯёни курси якум дар таълимӣ-тарбиявии муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ» модели методии таълими фанҳои педагогӣ, сохтор, муҳтаво ва марҳилаҳои татбиқи он, инчунин алоқамандии модел бо натиҷаҳои пешбинишавандаи мутобиқшавии донишҷӯён таҳлил гардидааст.

Дар зербоби сеюм - «Шароити педагогии таъмини мутобиқшавии донишҷӯёни курси якум ба фаъолияти таълимӣ-тарбиявии муассисаҳои

таҳсилоти олии педагогӣ» шароитҳои педагогии зарурие, ки мутобиқшавии муваффақи донишҷӯёни курси якумро таъмин менамоянд, усулҳои муосири ташкили фаъолияти таълимӣ-тарбиявӣ ва нақши устодон дар ин раванд мавриди таҳлил қарор гирифтаанд.

Боби сеюми диссертатсия - «Таҳқиқоти эмпирикӣ оид ба татбиқи модели педагогии мутобиқсозии донишҷӯёни курси якум ба муҳити таълимӣ-тарбиявӣ ва арзёбии натиҷаҳои озмоиши педагогӣ» номгузорӣ гардида, аз ду зербоб иборат мебошад.

Дар зербоби якум - «Мақсад, вазифаҳо ва марҳилаҳои таҳқиқоти эмпирикӣ, сатҳ, меъёр ва нишондиҳандаҳои мутобиқшавии донишҷӯёни курси якум ба муҳити таълимӣ-тарбиявӣ» мақсад ва вазифаҳои таҳқиқоти эмпирикӣ, марҳилаҳои он, методикаи ташхиси сатҳи мутобиқшавии донишҷӯён, инчунин меъёрҳо ва нишондиҳандаҳои арзёбии натиҷаҳои озмоиши педагогӣ баррасӣ шудаанд.

Дар зербоби дуюм - «Таҳлил ва арзёбии натиҷаҳои озмоиши педагогӣ оид ба амалисозии модели методии таълими фанҳои педагогии муассисаҳои таҳсилоти олии педагогӣ ҷиҳати мутобиқшавии донишҷӯёни курси якум ба муҳити таълимӣ-тарбиявӣ» натиҷаҳои марҳилаи ниҳоии озмоиши педагогӣ таҳлил ва арзёбӣ гардида, муқоисаи нишондиҳандаҳои аввалӣ ва ниҳоии сатҳи мутобиқшавии донишҷӯёни гурӯҳҳои санҷишӣ ва назоратӣ, инчунин асоснокии самаранокии модели педагогии пешниҳодшуда мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Дар маҷмуъ, муҳтавои бобҳо ва зербобҳои диссертатсия пайдарҳамии мантиқӣ дошта, ба ҳалли мақсад ва вазифаҳои таҳқиқоти илмӣ равона гардидаанд. Ҷиҳати муҳими боби сеюм дар он ифода меёбад, ки масъалаҳои вобаста ба мутобиқшавии донишҷӯён танҳо аз нуқтаи назари назариявӣ не, балки дар робита бо амалияи воқеии фаъолияти таълимӣ-тарбиявии муассисаҳои таҳсилоти олии педагогии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Натиҷаҳои таҳқиқот аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ доранд. Хулоса ва пешниҳодҳои муаллиф метавонанд ҳангоми такмили барномаҳои таълимии муассисаҳои таҳсилоти олии педагогии Ҷумҳурии Тоҷикистон, фаъолияти методии устодон ва таҳияи барномаҳои дастгирии мутобиқшавии донишҷӯёни курси якум истифода шаванд.

Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия

Ҳамзамон, бо баробари дастовардҳои назарраси аҳаммияти илмӣ ва амалӣ дошта, диссертатсия аз баъзе камбудиҳои ҷузъӣ холӣ нест.

1. Хуб мешуд, агар муҳаққиқ дар рисолаи илмӣ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатӣ дар бораи ҷавонон", Консепсияи миллии таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Консепсияи рушди таҳсилоти касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар ҳуҷҷатҳои меъёрию ҳуқуқии соҳаро васеътар мавриди таҳлил қарор дода, мутобиқшавии донишҷӯёнро ба муҳити таълимию тарбиявӣ тибқи талаботи ҳуҷҷатҳои меъёрию ҳуқуқии мазкур мукаммалтар амалӣ мекард, ба мақсади гузоштааш бештар ноил мегардид.

2. Муаллиф масъалаҳои вобаста ба ҳамкории муассисаи таҳсилоти олии касбӣ ва омилҳои берунии иҷтимоиро таҳлил намудааст, вале баъзе паҳлуҳои марбут ба механизмҳои мушаххаси дастгирии донишҷӯёни соли аввал - бахусус донишҷӯёни аз минтақаҳои дурдаст - метавонанд боз ҳам амиқтар баррасӣ гарданд.

3. Ҳангоми таҳқиқи натиҷаҳои корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ баъзе масъалаҳои марбут ба тафовути нишондиҳандаҳои мутобиқшавии донишҷӯён дар гурӯҳҳои санҷишӣ ва назоратӣ ба таври умумӣ баррасӣ шудаанд. Ба андешаи мо, таҳлили муфассалтари ин тафовутҳо бо истифода аз усулҳои иловагии омории коркарди маълумот аҳаммияти амалии таҳқиқотро бештар мегардонд.

4. Дар диссертатсия ва автореферат баъзе ғалатҳои имлоӣ, грамматикӣ ва техникӣ мушоҳида мегардад, ислоҳи онҳоро зарур мешуморем.

Эродҳои болозикр хусусияти ҷузъӣ дошта, ба аҳаммияти илмӣ ва арзиши амалии диссертатсия таъсири ҷиддӣ намерасонанд.

Аҳаммияти назариявӣ, амалӣ ва иҷтимоии диссертатсия

Аҳаммияти назариявии диссертатсия дар он ифода меёбад, ки натиҷаҳо ва хулосаҳои илмии таҳқиқот метавонанд барои рушди минбаъдаи назарияи педагогикаи иҷтимоӣ, махсусан масъалаҳои вобаста ба хусусиятҳои педагогии мутобиқшавии донишҷӯён ба муҳити таълимӣ-тарбиявӣ ҳамчун асоси иҷтимоишавии шахсият, мусоидат намоянд.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар имконияти истифодаи пешниҳодҳо ва тавсияҳои муаллиф дар такмили кори тарбиявии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳияи барномаҳои дастгирии мутобиқшавии донишҷӯён ва тайёр намудани мутахассисони соҳаи педагогикаи иҷтимоӣ зоҳир мегардад.

Аҳаммияти иҷтимоии диссертатсия бошад, ба таҳкими раванди иҷтимоишавии насли ҷавон, баланд бардоштани сатҳи мутобиқшавии донишҷӯён ба шароити муосир ва таъмини рушди ҳамаҷонибаи шахсияти донишҷӯ алоқаманд мебошад.

Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Диссертатсия ва автореферати он тибқи талаботи муқарраргардидаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия шудаанд. Автореферат муҳтавои асосии таҳқиқот, навгонии илмӣ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва

натиҷаҳои илмии бадастомадаро ба таври мухтасар ва мантиқӣ инъикос менамояд.

Аз ин рӯ, диссертатсия ба талаботи «Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия ва дигар маводи илмӣ», ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 августи соли 2026, №591 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

Бо дарназардошти аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот метавон хулоса намуд, ки диссертатсияи Раҷабзода Дилшод Амиралӣ дар мавзуи «Хусусиятҳои педагогии мутобиқшавии донишҷӯён ба муҳити таълимӣ-тарбиявӣ ҳамчун асоси иҷтимоишавии шахсият дар шароити муосир» таҳқиқоти анҷомёфтаи мустақили илмӣ буда, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 “Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ” ҷавобгӯ мебошад.

Довталаб ба ҳадафи дар назди таҳқиқоти диссертатсионӣ гузошташуда ноил шуда, вазифаҳои илмии таҳқиқотро ҳаллу фасл кардааст ва фарзияи таҳқиқот тасдиқи худро ёфтааст.

Адабиёти истифодашуда ба мавзуъ ва масъалаи таҳқиқотӣ мантиқан робита доранд. Мазмуну муҳтавои кори диссертатсионӣ ба ихтисоси интихобшуда мутобиқат менамояд.

Автореферат мазмун ва муҳтавои асосии диссертатсияро дар бар гирифтааст.

Интишороти муҳаққиқ, ки дар саҳифаҳои нашрияҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, дастури таълимӣ-методӣ, маҷмуаи маводи конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ нашр гардидаанд, ба мазмуну муҳтавои кори диссертатсионӣ мувофиқат менамоянд.

ХУЛОСА

1. Диссертатсияи Раҷабзода Дилшод Амиралӣ дар мавзуи «Хусусиятҳои педагогии мутобиқшавии донишҷӯён ба муҳити таълимӣ-

тарбиявӣ ҳамчун асоси иҷтимоишавии шахсият дар шароити муосир» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.9. Назария ва методикаи ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (педагогикаи иҷтимоӣ) кори ба анҷомрасидаи илмӣ-таҳқиқотӣ буда, аз ҷониби муаллиф мустақилона ва дар сатҳи хуби илмӣ иҷро карда шудааст.

2. Кори диссертатсионии мазкур ба талаботи пешниҳоднамудаи бандҳои 10-16 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ", ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.08.2026, №591 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

3. Муаллифи таҳқиқот Раҷабзода Дилшод Амиралӣ сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 5.3.9. Назария ва методикаи ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ (педагогикаи иҷтимоӣ) дониста мешавад.

Муқарризи расмӣ: Доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи педагогикаи иҷтимоӣ ва касбии МДТ "Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров" Шарофзода Шавкат Аҳмад

02.10.2026с.

Маълумот барои тамос: *735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Хуҷанд, кӯчаи Камоли Хуҷандӣ, б.146, ҳ.5. Тел.:92 771 78 70. Почтаи элект.: sharofzod1954@mail.ru.*

Имзои Шарофзода Ш.А.-ро тасдиқ мекунам.
Сардори раёсати кадр ва корҳои махсуси
МДТ "ДДХ ба номи ак.Б.Ғафуров" *Сайдуллозода З.С.*

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

Сурога: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков, 1; Тел.+ (992-3422) 6-52-73; Почтаи элек.: ittiloothgu@mail.ru

02.10.2026с.